Bilimni baholash agentligi

**BILIM VA MALAKALARNI BAHOALSH AGENTLIGI**

*Bilimingga ishon va muvaffaqiyatga erish!*

**БАРОИ ИШТИРОККУНАНДАГОНИ ЗИНАИ IV ОЛИМПИАДАИ РЕСПУБЛИКАВӢ АЗ ФАНҲОИ УМУМИТАЪЛИМӢ ДАР МАКТАБҲОИ МИЁНА УМУМӢ, ЛИЦЕЙҲОИ АКАДЕМИКӢ ВА КОЛЛЕҶҲОИ КАСБУ ҲУНАРӢ**

# КИТОБИ СУПОРИШОТИ ТЕСТҲО

АЗ ФАННИ

# ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ТОҶИК

*Ном ва насаби иштироккунанда* *Имзо*

Bilim va malakalarni baholash agentligi © 2024

Маҷмӯаи тестҳо аз 30 (1-30) супориш иборат аст.
Ба маҷмӯаи тестҳо супоришҳо бо навъи пӯшида ва кушода дароварда шудааст. Балл барои ҷавоби дуруст дар ҳар супориши тест инъикос гардидааст.
Дар иҷрои супоришҳои тести пушида ҳатман аз 4 ҷавоби вариант танҳо яктоашро интихоб карда ба варақи ҷавобҳо нависед (A, B, C ё D).
Дар иҷрои супоришҳои тести кушода, бояд ҷавобро дар варақи ҷавоб ба рақами мувофиқи супориши тест пурра нависед.
Барои супоришҳои тестии пушидаи мувофиқатро талабкунанда дар маҷмӯъ шашто (A-F) вариантҳои ҷавоб дода шудааст. Аз он ба се супориш (саволҳои тестии 28, 29, 30) аз дохили ҷавобҳо яктогӣ ҷавоби мувофиқро интихоб намуда, ба варақаи ҷавобҳо ишора карда мешавад.

**1.**

[0,9 ball]

***п, б, м, в, ф*** чӣ гуна ҳамсадоҳо ба шумор меравconfigured?

A) *нӯгизабонӣ*

B) *лабӣ*

C) *байнизабонӣ*

D) *забончагӣ*

**2.**

[2,4 ball]

Муродифи калимаи **кор дар кадом ҷавоб дуруст дода шудааст**?

A) *заҳмат, ганч, хизмат, меҳнат шуғл, риёзат*

B) *заҳмат, ранҷ, хизмат, меҳнат таҷриба, риёзат*

C) *заҳмат, ранҷ, хизмат, меҳнат шуғл, риёзат*

D) *заҳмат, ранҷ, ҳиммат, меҳнат шуғл, риёзат*

**3.**

[0,9 ball]

Сохти исмҳои *боронгарӣ, барзгар, деҳқониро* муайян намоед.

A) *сохта*

B) *содда*

C) *мураккаб*

D) *таркибӣ*

**4.**

[2,4 ball]

Дар кадом ҷавоб **феълҳои тасрифӣ дода шудааст**?

A) *сӯҳбаткунон, кашолакунон*

B) *хобидан, дарафтидан*

C) *хест, канд*

D) *тартибдода, бишукуфта*

**5.**

[1,7 ball]

Дар ҷумлаи *“Кадоми шумо ба саволҳои ман ҷавоб медиҳед?”* кадом намуди ибора кор фармуда шудааст?

A) *ибораи зарфӣ*

B) *ибораи шуморагӣ*

C) *ибораи феълӣ*

D) *ибораи ҷонишинӣ*

**6.**

[0,9 ball]

Дар ҷумлаи *“Дар як дам бозор аз мардум холӣ шуд”* **кадом калима ба вазифаи мубтадо омадааст**?

A) *холӣ*

B) *бозор*

C) *дар як дам*

D) *мардум*

**7.**

[0,9 ball]

**Мазмуни** асосии китоби *“Самаки айёр”*-ро чӣ ташкил менамояд?

A) *танбалӣ*

B) *ҷавонмардӣ*

C) *бепарвоӣ*

D) *худписандӣ*

**8.**

[0,9 ball]

Асарҳои **Носири Хисрав** дар кадом ҷавоб дуруст дода шудааст?

A) *"Ҷомеъ-ул-ҳикматайн", "Гулзори Ирам", "Сад панд"*

B) *"Гузориш ва раҳоиш", "Рисолаи дилкушо", "Сад панд"*

C) *"Гузориш ва раҳоиш", "Ҷомеъ-ул-ҳикматайн", "Ваҷҳи дин"*

D) *"Хон-ул-ихвон", "Рисолаи дилкушо", "Ришнома"*

**9.**

[2,4 ball]

Маснавии *"Гулзори Ирам"* ба қалами **кадоме аз ин шоирон мансуб аст**?

A) *Абдураҳмони Мушфиқӣ*

B) *Бадриддин Ҳилолӣ*

C) *Мирзо Бедил*

D) *Шавкати Бухороӣ*

**10.**

[0,9 ball]

*Модар сари қабрат омадам боз,*
*Бо меҳру муҳаббат омадам боз.*

Ин байт ба қалами **кадоме аз ин шоирон мансуб аст**?

A) *Салим Кенҷа*

B) *Нормурод Каримзода*

C) *Ҷонибек Қувноқ*

D) *Тӯхтамиш Тӯхтаев*

**11.**

[2,4 ball]

*"Қобуснома"*-и Унсурулмаолии Кайковус боз бо **кадом ном машҳур аст**?

A) *"Доробнома"*

B) *"Наврӯзнома"*

C) *"Насиҳатнома"*

D) *"Шоҳнома"*

**12.**

[2,4 ball]

*Ёр гуфт: "Аз мо макун қатъи назар".*
*Гуфтам: "Ба чашм!".*
*Гуфт: "Қатъан ҳам мабин сӯйи дигар".*
*Гуфтам: "Ба чашм!"*

**Муаллифи байт кист**?

A) *Бадриддин Ҳилолӣ*

B) *Камоли Хуҷандӣ*

C) *Соиби Табрезӣ*

D) *Абдураҳмони Ҷомӣ*

**13.**

[0,9 ball]

Достони "Анҷумани арвоҳ" ба қалами **кадоме аз ин шоирон мансуб аст**?

A) *Сиддиқии Аҷзӣ*

B) *Садри Зиё*

C) *Тошхоҷаи Асирӣ*

D) *Абдурауфи Фитрат*

**14.**

[0,9 ball]

**Муаллифи** китоби ёддоштии " Устоди ман, мактаби ман, худи ман"-ро муайян кунед.

A) *Ҳаким Карим*

B) *Пайрав Сулаймонӣ*

C) *Сотим Улуғзода*

D) *Ҷалол Икромӣ*

**15.**

[0,9 ball]

Номи аслии шоираи зуллисонайн Нодира дар **кадом ҷавоб дода шудааст, муайян кунед**.

A) *Бибихоним*

B) *Макнуна*

C) *Комила*

D) *Моҳларойим*

**16.**

[2,4 ball]

Асари "Саёҳатнома" ба қалами **кадоме аз ин шоирон мансуб аст**?

A) *Завқӣ*

B) *Огаҳӣ*

C) *Фурқат*

D) *Муқимӣ*

**17.** [1,7 ball]

**Кадоме аз ин шоирон бахшида ба** Ҳофизи Шерозӣ силсилаи шеърҳо эҷод карда, онро "Ҳофизнома" номидааст?

A) *Сергей Есенин*

B) *Александр Пушкин*

C) *Муҳаммад Иқбол*

D) *Иёҳанн Волфганг Гёте*

**18.** [1,7 ball]

Шумораҳои таркибие, ки бо пайвандаки -у **(-ю, -ву)** корбаст шудаанд, чӣ гуна навишта мешаванд?

Ҷавоб: ____________________

**Диққат!** Ҷавобатонро ба варақаи ҷавобҳо нависед.

**19.** [2,4 ball]

Аъзоҳои туфайлӣ аз дигар аъзоҳои ҷумла дар навишт **бо кадом аломати китобат ҷудо карда мешаванд**?

Ҷавоб: ____________________

**Диққат!** Ҷавобатонро ба варақаи ҷавобҳо нависед.

**20.** [1,7 ball]

Сохти сифатҳои *андешаманд, гулфом, сиёҳвашро* муайян намоед.

Ҷавоб: ____________________

**Диққат!** Ҷавобатонро ба варақаи ҷавобҳо нависед.

**21.** [2,4 ball]

Дар кадом услуб калима, таркиб, ибора ва ҷумлаҳои туфайлӣ, **ҷумлаҳои мураккаби тобеъ фаровон истифода мешаванд**?

Ҷавоб: ____________________

**Диққат!** Ҷавобатонро ба варақаи ҷавобҳо нависед.

**22.** [1,7 ball]

Пайвандакҳои ё, ё ки, ё ин ки **ба кадом гурӯҳи пайвандакҳо мансуб аст**?

Ҷавоб: ____________________

**Диққат!** Ҷавобатонро ба варақаи ҷавобҳо нависед.

**23.** [0,9 ball]

Калимаҳои *ҳамсафар, арчазор, бачагона, дуюм* аз ҷиҳати сохт чӣ гуна калимаҳоянд?

Ҷавоб: ____________________

**Диққат!** Ҷавобатонро ба варақаи ҷавобҳо нависед.

**24.** [1,7 ball]

Шумораҳои *аз се як, аз панҷ ду, чоряк, дуним* ба кадом хели шумораҳо мансуб аст?

Ҷавоб: ____________________

**Диққат!** Ҷавобатонро ба варақаи ҷавобҳо нависед.

**25.** [2,4 ball]

Ҷумлаи *"Дирӯз аз модаркалонам хабар гирифтам"* ба кадом гурӯҳи ҷумлаҳои соддаи яктаркиба мансуб аст?

Ҷавоб: ____________________

**Диққат!** Ҷавобатонро ба варақаи ҷавобҳо нависед.

**26.** [2,4 ball]

Дар ҷумлаи *"Ононе, ки бо кор машғуланд, озод мегарданд"* кадом намуди ҷумлаи пайрав иштирок кардааст?

Ҷавоб: ____________________

**Диққат!** Ҷавобатонро ба варақаи ҷавобҳо нависед.

**27.** [1,7 ball]

*Барои дилкушодагон даҳр танг аст,*
*Барои шишадилҳо даҳр санг аст.*
*Барои чашмтангон умр мол аст,*
*Барои кинадорон сулҳ ҷанг аст.*

**Жанри шеъриро муайян намоед.**

Ҷавоб: ____________________

**Диққат!** Ҷавобатонро ба варақаи ҷавобҳо нависед.

**28-30.**

**Аз маълумотҳои ҷадвал истифода бурда, ба супоришҳои тестии 28-30 аз дохили ҷавобҳо (A-F) ҷавоби мувофиқро интихоб намоед (ба ҳар як супориш якто ҷавоби мувофиқ рост меояд).**

| Супоришҳо | Маълумотҳо |
|---|---|
| **28.** `[1,7 ball]`<br>Дар кадом ҷумла ба хатои **имлоӣ** роҳ дода шудааст?<br>**29.** `[1,7 ball]`<br>Дар кадом ҷумла **бандак** нодуруст истифода шудааст?<br>**30.** `[1,7 ball]`<br>Дар кадом ҷумла **калимаҳо** нодуруст кор фармуда шудааст | A) Холида лабонаш дар панҷаи табассуми меҳрангез, абрӯвони барҳамашро тааҷҷубкунон саҳл боло бардошта, Мактубро гирифта, ба хондан даромад.<br>B) Абӯалӣ ибни Сино ҳамаи соҳаҳои илми замони худро дар китобхонаи амири Бухоро мустақил аз бар карда будем.<br>C) Агар кас аз айёми бачагӣ китобро дӯст дорад, таоми умр аз китоб ҷудо намешавад.<br>D) Ман аз латифаҳое, ки мардуми Зарафшон ба Туғрал нисбат медиҳанд, чанд порча гуфтам.<br>E) Табиатан, аз рӯи шунидаи ман ҳам, Туғрал бояд ҳамин хел одам бошад, охир вай шоир буд, дили шоир ҳамеша раҳмгин аст.<br>F) Дар ин латифаҳо Туғрал ҳамчун марди ҳозирҷавоб, дурандеш, хушсухан, дилёб ва ғамхори фақирону бенавоён номбар мешавад. |